«Тасдиқ мекунам»:
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
_________ С.Наҷмиддинов.
аз « 07 » 11 соли 2009
№ 80

Қайди Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25.12.09 №555

«Ба мувофиқа оварда шудааст»:
Раиси Кумитаи давлатии омори
Ҷумҳурии Тоҷикистон
_____________ М.Шабозов.
аз « 08» 12 соли 2009
№ б/р

**Тартиби**
**истифодабарии системаи соддакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирӣ**
**дар суъбектҳои соҳибкории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## 1.Муқаррароти умумӣ

Тартиби мазкури истифодабарии системаи соддакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирӣ дар суъбектҳои соҳибкории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 2 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2000 № 44 «Дар бораи тасдиқи «Тартиби ҳисоб намудан ва пардохти андозҳое, ки аз тарафи субъектҳои соҳибкории хурд дар асоси низоми соддакардашуда пардохт мешаванд»» таҳия карда шуда, тартиби истифодабарии низоми соддакардашудари ҳисоботҳо ва баҳисобгириро барои субъектҳои соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

1) Тибқи моддаи 7-и Қонун «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» масъулият барои ташкили ҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот дар субъектҳои соҳибкории хурд, риояи қонунгузории ҷорӣ ҳангоми иҷрои амалиётҳои хоҷагидорӣ ба зиммаи роҳбарони субъектҳои соҳибкории хурд, гузошта мешавад.

Роҳбари субъектҳои соҳибкории хурд, дар вобастагӣ ба ҳаҷми кори баҳисобгирӣ метавонад:

а) ҳамчун воҳиди зерсохторӣ хадамоти муҳосибавӣ таъсис диҳад, ки роҳбарии он бар зиммаи сармуҳосиб гузошта мешавад;

б) дар асоси шартномавӣ пешбурди кори баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботро ба ташкилоти махсусгардонидашуда (муҳосиботи марказонидашуда) ва ё мутахассис-муҳосиб супорад;

в) пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботро шахсан амалӣ намояд.

2) Сиёсати баҳисобгирии аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурд қабулгардида бо фармон ва ё амри шахсе, ки барои ташкил ва ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботро масъул аст, тасдиқ карда мешавад.

Дар баробари ин тасдиқ карда мешаванд:

-нақшаи кории баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот дорои ҳисобҳои синтетикӣ ва аналитикие, ки барои иҷрои саривақтӣ ва пурраи баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ заруранд;

-шаклҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ, ки барои қонунӣ гардонидани амалиётҳои хоҷагидорӣ истифода мешаванд, ки аз рӯи онҳо шаклҳои маъмулии ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ ва инчунин шаклҳои ҳуҷҷатҳо барои ҳисоботи дохилии муҳосибавӣ пешбинӣ нашудаанд;

- тартиби гузаронидани барӯйхатгирӣ ва усули нархгузории намудҳои моликият ва ӯҳдадориҳо;

- қоидаҳои гардиши ҳуҷҷат ва технологияи коркарди иттилооти баҳисобгирӣ;

- тартиби назорат аз рӯи амалиётҳои хоҷагидорӣ ва инчунин дигар қарорҳои барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ зарур.

3). Ба таври мутлақ бо ҳуҷҷат асоснок намудани тамоми амалиётҳои хоҷагидорӣ бо роҳи таъсис додани барандагони муайяни иттилоотӣ ибтидоии баҳисобгирӣ давраи ибтидоии баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ тибқи моддаи 10-и Қонун «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибавӣ» барои баҳисобгирӣ қабул карда мешаванд.

Субъектҳои соҳибкории хурд, барои бо ҳуҷҷат асоснок намудани амалиётҳо метавонанд шаклҳоеро истифода кунанд, ки дар албомҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоии ба як шакл даровардашуда (унификатсия карда шуда) ҷой дода шудаанд, инчунин аз шаклҳои идорӣ, шаклҳои ба таври мустақилона кор кардашуда, ки дорои мушаххасоти (реквизити) бо Қонун «Дар бораи баҳисобгирии мухосибӣ» пешбинӣ шуда мебошанд ва ҳаққонияти амалиётҳои хоҷагидории баамаловардашударо дар баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот таъмин мекунанд, истифода намоянд.

Ба мушаххасоти ҳатмии ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ дохил мешаванд: номи ҳуҷҷат, санаи тартиб додан, номи ташкилоте, ки аз номи он ҳуҷҷат таҳия ёфтааст, мӯҳтавои амалиёти хоҷагидорӣ, ченакҳои амалиётҳои хоҷагидорӣ дар инъикоси натуралӣ ва арзишӣ, номи шахсони мутасаддии барои иҷроиши амалиёти хоҷагидорӣ ва тарзи дурусти ба қонуният даровардани он масъул, имзои шахсии шахсони мазкур.

Ҳуҷҷатҳои ибтидоие, ки аз рӯи онҳо санадҳо барои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот қабул мегарданд, аз рӯи шакл (дараҷаи пуррагӣ ва дурустии таҳияи онхо) ва мазмун (қонунӣ будани амалиётҳо, алоқаи мантиқии нишондиҳандаҳои алоҳида) тафтиш карда мешаванд.

4). Барои ҷамъбаст, гурӯҳбандӣ ва ғун кардани иттилооти дар ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот қабулгардида ва инъикос намудани онҳо дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ муқаррар карда шудаанд.

Ба субъектҳои соҳибкории хурд, тавсия дода мешавад, ки баҳисобгирии муҳосибиро бо истифода аз низоми зерини регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ пеш баранд:

- шакли ягонаи журналӣ - ордерии ҳисобкунӣ барои корхонаҳо;
- шаклҳои журналӣ - ордерии ҳисобкунӣ барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна;
- шакли соддакардашудаи баҳисобгирии муҳосибавӣ тибқи Тартиби мазкур.

Субъектҳои соҳибкории хурд, шакли баҳисобгирии муҳосибиро мустақилона аз ҳисоби шаклҳои бо мақомоти дахлдор тасдиқ кунонида шуда вобаста ба талаботу миқёси истеҳсолот, идоракунии худ ва миқдори кормандон интихоб менамояд. Ҳамин тариқ, ба субъектҳои соҳибкории хурд дар соҳаи истеҳсолоти моддӣ машғулбуда тавсия дода мешавад, ки аз регистрҳои дар шакли журналӣ-ордерии ҳисобкунӣ пешбинӣ шуда истифода намояд. Субъектҳои соҳибкории хурд бо савдо ва дигар намудҳои фаъолияти миёнаравӣ машғулбуда метавонанд аз регистрҳои соддакардашудаи баҳисобгирии муҳосибавӣ истифода намоянд. Ҳангоми зарурат онҳо метавонанд аз регистрҳои алоҳидае, ки барои баҳисобгирии ашёҳои қиматноки муайян аз шакли ягонаи журналӣ-ордерии ҳисобкунӣ, ки дар фаъолияти онҳо афзалият доранд (захираҳои моддӣ, воситаҳои фаъоли молиявӣ), истифода намоянд.

Дар ин ҳангом субъектҳои соҳибкории хурд метавонад регистри баҳисобгирии муҳосибии истифодашавандаро ба махсусияти кори худ мутобиқ намуда, бо шарти риояи нуктаҳои зерин истифода кунад:

-асоси ягонаи методологии баҳисобгирии муҳосибие, ки пешбурди баҳисобгирии муҳосибиро тибқи асосҳои ҳисоб ва қайди дубора дар назар дорад;

-алоқаи мутақобилаи нишондиҳандаҳои баҳисобгирии аналитикӣ ва синтетикӣ;

-инъикоси мутлақи тамоми амалиётҳои хоҷагидорӣ дар регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ;

-ғункунӣ ва ба низомдарории нишондиҳандаҳои ҳуччатҳои ибтидоӣ дар ҳудуди нишондиҳандаҳое, ки барои идоракунӣ ва назорат аз рӯи фаъолияти хоҷагидории субъектҳои соҳибкории хурд ва инчунин барои таҳияи ҳисоботи муҳосибӣ заруранд.

## 2. Соҳаи амалиёт

Тартиби мазкур тамоми субъектҳои соҳибкории хурд- шахсони воқеиву ҳуқуқӣ, ки фаъолияти соҳибкориро ба амал меоранд (ба истиснои дар асоси Патент фаъолияткунанда) ва ташкилотхои ғайритиҷоратиро (минбаъд-соҳибкорон), ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми соддакардашудаи баҳисобгирии шакли ташкилӣ-ҳуқуқиро новобаста аз мансубияти соҳавӣ ва шакли моликият истифода мекунанд, фаро мегирад.

Шахсони воқеии фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ баамалоранда (ба истиснои онҳое, ки дар асоси Патент фаъолият мекунанд), баҳисобгирии даромад ва хароҷотро тибқи тартиботи бо Боби 6-и Тартиби мазкур муқаррargардида ба амал меоранд.

Соҳаҳои фаъолияте, ки Тартиби мазкур фарогир нест:

-корхонаҳои моли аксизӣ истеҳсол ва содиркунанда;

-ширкатҳои суғуртавӣ ва трастӣ;

- фондҳои сармоягузорӣ;

-бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявии қарздиҳанда;

-муассисаҳои мубодилаи асъор ва ломбардҳо;

- муассисаҳои фаъолияти худро дар соҳаи қиморбозӣ баамалоранда;

- фондҳои нафақавии ғайридавлатӣ;

-иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қиматнок;

- фаъолият дар соҳаи истифодабарии қаъри замин;

- корхонаҳои бо таҳвили нахи пахта ва арзизи аввалия машғул.

Соҳибкорон ҳуқуқ доранд, ки танҳо аз 1- ми январи соли дилхоҳ ба низоми умумии андозбандӣ гузаранд. (банди 3 моддаи 305 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон)

## 3. Ташкили баҳисобгирии муҳосибавӣ

**5)** Инъикоси амалиётҳои хоҷагидорӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурд истифода мегардад, дар асоси қайди дубора ба амал оварда мешавад. Моҳияти қайди дубора аз инъикоси тарафайни ҳар як амалиёти воқеъгардида якбора дар ду ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ иборат аст. Масалан, амалиёт оид ба хариди материалҳо нишондиҳандаҳои дар ҳисоби баҳисобгирии чизҳои қиматноки харидашуда (дебети ҳисоби «Материалҳо») ва ҳисобҳои баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо ва ё воситаҳои пулии ба таъмингар пардохт гардида инъикосшавандаро (кредити ҳисоби «Ҳисоббаробаркуниҳо бо таъмингарон ва паймонкорон», «Ҳисоби ҳисоббаробаркунӣ» ва ғ. ) дар алоқаи тарафайн мегузорад; ҳисобкунии маблағ оид ба пардохти меҳнат нишондиҳандаҳои дар ҳисоби баҳисобгирии хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот (кору хизматҳо) (дебети ҳисоби «Истеҳсолоти асосӣ ва ғ.») ва ҳисоби баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо оид ба пардохти меҳнати кормандони корхона (кредити ҳисоби «Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба пардохти меҳнат») инъикосёбандаро дар алоқаи тарафайн мегузорад.

6) Субъектҳои соҳибкории хурде, ки дар асоси технологияи содда маҳсулот истеҳсол менамоянд, кору хизмат мерасонанд ва миқдори амалиётҳои хоҷагидориашон

кам аст (на беш аз 30-то дар 1 моҳ), тавсия дода мешавад, ки аз шакли соддаи баҳисобгирии муҳосибӣ истифода намоянд.

Барои ташкили баҳисобгирӣ аз рӯи шакли соддаи баҳисобгирии муҳосибӣ субъектҳои соҳибкории хурд дар асоси Нақшаи маъмулии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ Нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаро таҳия ва тасдиқ мекунонад, ки он барои пешбурди баҳисобгирии воситаҳо ва сарчашмаҳои он дар мушаххасоти баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯи ҳисобҳои асосӣ имконият фароҳам меорад. Ин дар навбати худ имконият медиҳад, ки аз рӯи ҳифозати моликият, иҷрои ӯҳдадориҳо ва дурустии нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ назорат ба роҳ монда шавад.

Субъектҳои соҳибкории хурд ҳамчун тавсия Нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии зеринро истифода карда метавонанд.

| Фасл | Номгӯи ҳисоб | Намуди фаъолият, ки ҳисоб дар он ҷо бештар истифода мешавад |
|---|---|---|
| Воситаҳои асосӣ | Воситаҳои асосӣ | Тамоми намудҳои фаъолият |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | Дороиҳои ғайримоддӣ | Тамоми намудҳои фаъолият |
| | Истеҳлоки воситаҳои асосӣ | Ҳамон |
| | Сармоягузории асосӣ | Ҳамон |
| | Истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ | Ҳамон |
| Захираҳои истеҳсолӣ | Материалҳо | |
| | Андози арзиши изофа аз рӯи чизҳои қиматноки харидорӣ шуда | |
| Хароҷот барои истеҳсолот | Истеҳсолоти асосӣ | |
| Маҳсулоти тайёр, мол ва фурӯши он | Молҳо | |
| | Фурӯш | |
| Воситаҳои пулӣ | Хазина | |
| | Суратҳисоб | |
| | Ҳисоби асъорӣ | |
| | Ҳисобҳои махсус дар бонкҳо | |
| | Сармоягузории молиявӣ | |
| Ҳисоббаробаркуниҳо | Ҳисоббаробаркунӣ бо молтаъминкунандагон ва пудратчиён | |
| | Ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет | |
| | Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи суғурта | |
| | Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи пардохти меҳнат | |
| | Ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторону кредиторони гуногун | |
| Натиҷаҳои молиявӣ ва истифодаи фоида | Фоида ва зарар | |

| | | |
|---|---|---|
| Сармоя ва захираҳо | Сармояи ибтидоӣ (оинномавӣ) | |
| | Фоидаи тақсимнашуда (зарари пӯшиданашуда) | |
| | Фондҳои таъиноти махсус | |
| Қарзи бонкҳо ва маблағгузорӣ | Қарзҳо ва дигар воситаҳои қарзӣ | |

**4. Тартиби истифодаи Нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот**

7) Субъектҳои соҳибкории хурд ҳангоми истифодаи Нақшаи кории ҳисобҳо баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ, намудҳои алоҳидаи амвол ва ӯҳдадориҳоро дар ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии дар он муқарраргардида тибқи Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона ва дастур оид ба истифодаи он ташкил менамояд.

8) Баҳисобгирии воситаҳои асосӣ дар ҳисоби «Воситаҳои асосӣ» бурда мешавад. Истеҳлоки воситаҳои асосӣ дар ҳисоби «Истеҳлоки воситаҳои асосӣ» ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисоб карда баровардани истеҳлок барои барқарор намудани пурра аз рӯи объектҳои воситаҳои асосӣ ҳангоми баҳисобгирӣ дар маблағҳое инъикос карда мешавад, ки аз рӯи ҳисобу китоби солона дар асоси тарзи ҳисобкунии аз ҷониби корхона истифодашаванда, меъёрҳои истеҳлокии тибқи тартиботи мавҷуда муайянгардида ва арзиши ибтидоии (барқароркунандаи) воситаҳои асосӣ муқаррар гардидаанд.

Истифодаи тартиби ҳисоб карда баровардани истеҳлок аз рӯи объекти воситаҳои асосӣ дар давоми мӯҳлати истифодаи фоиданоки он ба амал оварда мешавад.

Дар баробари ин бояд дар назар дошт, ки тағйири моҳонаи маблағи истеҳлок, ки ҳар моҳ аз маблағи солона ҳисоб карда бароварда мешавад, дар натиҷаи ҳаракати (воридоту содирот) воситаҳои асосӣ дар моҳи ояндаи пас аз моҳи қабули объекти баҳисобгирии муҳосибӣ ба амал оварда мешавад.

Дар сурати хориҷ гардидани воситаҳои асосӣ (аз ҳисоб баровардан, ба фурӯш рафтан ва ғ.) арзиши онҳо аз ҳисоби «Воситаҳои асосӣ» ба дебети ҳисоби «Истеҳлоки воситаҳои асосӣ» аз ҳисоб бароварда мешавад, дар баробари ин қисмати аз ҳисоб то ба охир ба истеҳлок набаромадаи воситаҳои асосӣ, инчунин хароҷотҳои ба хориҷшавии онҳо алоқаманд дар дебети ҳисоби «Фоида ва зарар» аз ҳисоб бароварда мешавад. Дар сурати ба фурӯш рафтани объекти воситаҳои асосӣ даромад аз фурӯш ба кредити ҳисоби «Фоида ва зарар» дохил мешавад.

Воситаҳои фаъоли ғайримоддӣ дар ҳисоби «Дороиҳои ғайримоддӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд. Истеҳлок аз рӯи дороиҳои ғайримоддӣ ба таври махсус дар ҳисоби «Истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ» ба ҳисоб гирифта мешавад. Истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ ҳар моҳ пас аз моҳе, ки объект барои баҳисобгирии муҳосибӣ қабул мегардад, ҳисоб карда мешавад.

9) Ҳангоми ба амал овардани сармоягузории асосӣ хароҷотҳои барои сохтмон ва ё дастрас намудани объектҳои алоҳидаи воситаҳои асосӣ сарфшуда тибқи харҷномаи аз ҷониби молтаъминкунандагон ва пудратчиён пешниҳодгардида дар дебети ҳисоби «Сармоягузории асосӣ» аз кредити ҳисоби «Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон ва пудратчиён» ва ё кредити ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ («Суратҳисоб», «Ҳисоби асъорӣ» ва ғ.) ва ё ҳангоме, ки воситаҳои қарзии пешниҳодгардида аз ҷониби ташкилоти қарздеҳ барои пардохти харҷномаҳои молтаъминкунандагон ва пудратчиён равона карда мешаванд, дар кредити ҳисоби «Қарзҳо ва воситаҳои дигари қарзӣ» инъикос мегарданд.

Хароҷотҳое, ки барои дастрас намудан ва ба истифода қабул гардидани объектҳои воситаҳои асосӣ сарф гардида, дар ҳисоби «Сармоягузории асосӣ» ба ҳисоб гирифта шудаанд, дар ҳаҷми хароҷоте, ки барои хариди онҳо сарф гардидааст, аз ҳисоби «Сармоягузории асосӣ» ба дебети ҳисоби «Воситаҳои асосӣ» баровада мешаванд.

10) Захираҳои истеҳсолии тибқи Нақшаи маъмулии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳисобҳои «Таҷҳизот барои муқаррар кардан», «Маводҳо», «Чорвои парвоӣ», «Ашёҳои камнарху тезхӯрдашаванда», «Тайёр намудан ва дастрас кардани материалҳо» ва «Дур шудан аз арзиши материалҳо» инъикосёфта дар ҳисоби «Материалҳо» ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар ин ҳангом корхонаи хурд ашёҳои камнарху тезхӯрдашавандаро ҳамчун материал ба ҳисоб гирифта, арзиши онҳоро дар ҳаҷми пурра ба рӯзи ба истифода қабулгардида ҳамчун хароҷоти барои истеҳсоли маҳсулот (кору хизматҳо) сарфгардида аз ҳисоб мебарорад.

Ба субъектҳои соҳибкории хурд, тавсия дода мешавад, ки бахисобгирии материалхоро аз рӯи усули арзиши миёна , ки тибки он хар як вохиди (намуд, гурух) материалхои барои истехсол аз хисоб баровардашуда ва ё дар бақия монда аз рӯи арзише, ки ҳамчун ҳосили тақсим аз арзиши умумӣ (бо назардошти бақия барои давраи аввали баҳисобгирӣ) ба шумораи онҳо баҳо дода мешавад, амалӣ намояд.

Бо мақсади таъмини ҳифозати ашёҳои камнарху тезхӯрдашаванда, ки ба истифода дода шудаанд, дар субъектҳои соҳибкории хурд бояд аз рӯи ҳаракати онҳо баҳисобгирии фаврӣ ва назорат ба роҳ монда шавад. Дар сурати аз истифода ба анбор бозгардонидани ашёҳои камнарху тезхӯрдашаванда ва аз рӯи арзиши бақия ба дафтари қайд даровардани онҳо (нархи имконпазири истифодабарӣ) аз рӯи дебети ҳисоби «Материалҳо» ва кредити ҳисоби «Истеҳсолоти асосӣ» қайдхо ба амал оварда мешаванд.

11) Хароҷоти бо истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (кору хизматҳо) марбута, ки тибқи Нақшаи маъмулии ҳисоби баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳисоби «Истеҳсолоти асосӣ», «Масолеҳи нимтайёри истеҳсоли худӣ», «Истеҳсолоти ёридиҳанда», «Хароҷотҳои умумиистехсолӣ», «Хароҷотҳои умумихоҷагӣ», «Ноқисӣ дар истеҳсолот», «Корҳои ғайриасосӣ», «Хароҷоти муомилот» инъикос карда мешаванд, дар ҳисоби «Истеҳсолоти асосӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баҳисобгирии хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот (кору хизматҳо) аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурд дар ҳудуди намудҳои хароҷоте (барои пардохти меҳнат, материалҳо, истеҳлок ва ғ.) ба амал оварда мешавад, ки онҳо аз рӯи объектҳои баҳисобгирӣ, аз қабили хароҷоти умумии корхона, хароҷотҳо аз рӯи намудҳои мол (кору хизматҳо), мавзеи истеҳсоли маҳсулот (кору хизматҳо) ва ғ. муайян карда мешаванд. Дар сурати мавҷудияти хароҷотҳои шартии доимӣ субъектҳои соҳибкории хурд хароҷотҳои умумихоҷагидориро (борномавӣ) ҳар моҳ пурра ҳамчун хароҷоте, ки барои маҳсулоти (кору хизмат) ба фурӯш рафта сарф гардидааст, аз ҳисоб мебарорад.

Хароҷот барои гузаронидани тамоми корҳои таъмирии воситаҳои асосии истеҳсолӣ, ки бо қувваи худӣ ба амал оварда мешаванд, аз рӯи намудҳои марбутаи хароҷот (материалҳо, пардохти меҳнат ва ғ.) ба арзиши аслии маҳсулот дохил карда мешавад. Дар сурати ба амал овардани корҳои таъмирӣ бо усули паймонкорӣ ин хароҷот ба таркиби хароҷоти умумихоҷагидорӣ дохил мегардад.

Калкулятсияи арзиши аслии махсулот (кору хизматрасони) дар субъектҳои соҳибкории хурд тибки Низомномаи калкулятсияи арзиши аслии махсулот (кору хизматрасони) дар корхонахо ва ташкилотхои Ҷумхурии Точикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Точикистон аз 12 май соли 1999 №210 тасдик карда шудааст амали карда мешавад.

12) Баҳисобгирии маҳсулоти тайёр ва молҳо, ки тибқи Нақшаи маъмулии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқан дар ҳисобҳои «Маҳсулоти тайёр», «Молҳо» ба ҳисоб гирифта мешавад, дар ҳисоби «Молҳо» пеш бурда мешавад.

13) Баҳисобгирии фурӯши махсулот (кору хизматҳо) ва дигар амволи корхонаи хурд, инчунин муайян намудани натиҷаи молиявӣ аз рӯи ин амалиётҳо, ки тибқи Нақшаи маъмулии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳисобҳои «Борҳои таҳвилшуда», «Фурӯши маҳсулот» (кору хизматхо), «Фурӯш ва хориҷшавии дигари воситаҳои асосӣ» ва «Фурӯши воситаҳои фаъоли дигар» ба қайд гирифта мешаванд, дар ҳисоби «Фурӯш» ба амал оварда мешаванд.

14) Ба ҳисоб гирифтани қарзи дебиторӣ ва кредиторӣ, ки тибқи Нақшаи маъмулии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳо дар ҳисобҳои «Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи пешмуздҳои додашуда», «Ҳисоббаробаркуниҳо бо харидорону фармоишгарон», «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи шикоятҳо», «Ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пешмузди гирифташуда», «Ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони ҳисоботдеҳ», «Ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандон аз рӯи амалиётҳои дигар», «Ҳисоббаробаркуниҳо бо таъсисгарон», «Ҳисоббаробаркуниҳо бо дебиторону кредиторони гуногун», «Ҳисоббаробаркуниҳо бо сохторҳои давлатӣ ва маҳаллӣ», «Ҳисоббаробаркуниҳо бо ҷамъиятҳои фаръӣ (вобаста)», «Ҳисоббаробаркуниҳои дохилихоҷагӣ» ба амал оварда мешаванд, тавсия дода мешавад, ки дар ҳисоби «Ҳисоббаробаркунӣ бо дебиторону кредиторони гуногун» пеш бурда шаванд. Дар ин ҳисоб ҳисоббаробаркуниҳо дар шакли муфассал оварда мешаванд: аз рӯи дебет – ба амал омадани қарзи дебиторӣ ва пӯшидани қарзи кредиторӣ, аз рӯи кредит- ба амал омадани қарзи кредиторӣ ва пӯшонидани қарзи дебиторӣ.

15) Субъектҳои соҳибкории хурд дорои сармоягузории молиявӣ барои баҳисобгирии онҳо ҳисоби «Сармоягузории молиявӣ» - ро истифода мекунад. Дар ин ҳангом дар ҳисоби аналитикӣ ба таври алоҳида сармояҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки хусусияти дарозмӯҳлат (беш аз як сол) ва кутоҳмӯҳлат (то як сол) доранд.

16) Натиҷаҳои молиявӣ ва истифодаи онҳо, ки тибқи Нақшаи маъмулии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳисоби «Фоида ва зарар», «Истифодаи фоида» инъикос мегарданд, метавонанд бевосита дар ҳисоби «Даромад ва зарар» ба ҳисоб гирифта шаванд.

Ҳангоми баҳисобгирии амалиётҳо вобаста ба муайян намудани даромад ва истифодаи он бояд дар назар дошт, ки дар давоми сол маблағи даромад ва истифодаи он дар китоби бақайдгирии (регистри) баҳисобгирии муҳосибӣ ба таври муфассал инъикос карда мешавад: аз рӯи кредити ҳисоби фоида ба таври афзудашавӣ нишон дода мешавад, аз рӯи дебети ҳисоб - истифодашавии он.

Пас аз анҷоми сол ба рӯзи санаи таҳияи ҳисоботи муҳосибӣ ба маблағи фоидаи истифодашуда камшавии фоида ба амал оварда мешавад ва дар ҳисоботи муҳосибӣ маблағи истифоданашудаи даромади соли ҳисоботӣ ва ё зарари соли ҳисоботӣ инъикос мегардад. Дар сурати зарар дидани корхона аз рӯи натиҷаҳои соли ҳисоботӣ ва дар баҳисобгирӣ ҷой доштани маблағҳои аз ҳисоби фоида истифодашуда (хароҷот барои инкишофи иҷтимоӣ, мукофотонидани кормандон, кӯмаки моддӣ ва ғ.) зарари дар соли равон баамаломада дар ҳисоби «Фоида ва зарарҳо» инъикос меёбад, харҷи барзиёди истифодаи фоида бошад, дар зерҳисоби «Истифодаи фоида» ба ҳисоби «Фоида ва зарар» инъикос меёбад.

Ҳангоми таъсиси фондҳои махсус корхона ҳисоби «Фоида ва зарар»-ро дебет ва ҳисоби «Фондҳои муқаррароти махсус»-ро кредит менамояд.

Дар ҳисоби «Фондҳои муқарраროти махсус» тамоми тағйироти ҳолати молиявии корхона (нархгузории иловагии моликият, моликияти ройгон гирифташуда ва ғ.) ба ҳисоб гирифта мешавад.

Тақсимоти фоидаи тақсимнашудаи корхона аз ҷониби иштирокчиён (ҶММ) ва саҳмиядорон (ҶПС) дар асоси Протоколи маҷлиси умумии иштирокчиён (ҶПС) ва ё Протоколи маҷлиси умумии саҳмиядорон муайян карда мешавад. Агар муассиси ҶММ ва ё ҶПС як шахс бошад, он гоҳ қарор дар бораи тақсимоти фоидаи тақсимнагардида дар асоси қарори муассис қабул карда мешавад.

Фоизи баровард аз фоидаи тақсимнагардида ба фондхои муқарраротaшон махсус ва пардохти дивидендҳо дар асоси қарори муассиси корхона муайян карда мешавад. Пардохти дивидендҳо метавонад танҳо дар сурати пардохти пурраи сармояи аввалияи корхона ва вуҷуд надоштани зарарҳои давраҳои гузашта ба амал оварда шавад. Ҳамчунин корхонаҳо дар рафти фаъолияти худ вазифадоранд Қонун «Дар бораи ҷамъиятҳои масъулиятaшон маҳдуд» ва Қонун «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ»-ро риоя намоянд.

17) Баҳисобгирии қарзҳои бонк, воситаҳои қарзӣ ва мақсаднок, ки тибқи Нақшаи маъмулии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳисоби «Қарзҳои кӯтоҳмуддати бонкӣ», «Қарзҳои дарозмуддати бонкӣ», «Қарзҳои дарозмуддат» ва «Маблағгузорӣ ва воридоти мақсаднок» инъикос карда мешаванд, аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар ҳисоби «Қарзҳо ва дигар воситаҳои қарзӣ» аз рӯи намуд ва мӯҳлати гирифтани онҳо ба амал оварда мешаванд. Пардохти қарзҳои ташкилотҳои қарздиҳанда дар баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯи дебети ҳисоби «Қарзхо ва воситаҳои дигари қарзӣ» ва кредити хисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ («Суратхисоб», «Ҳисоби асъорӣ» ва ғ.) инъикос карда мешавад.

## 5. Хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми истифодаи усули хазинавии баҳисобгирии даромадҳо ва харочот.

18) Ҳангоми қабули қарор аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурд дар вақти баҳисобгирии даромаду харочот оиди риоя накардани воқеияти фаъолияти хоҷагидории вақтӣ ва истифодабарии усули баҳисобгирии хазинавӣ инҳоро бояд ба назар гирифт.

Харочоти бо истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, кору хизматҳо алоқаманд дар ҳисоби «Истеҳсолоти асосӣ» танҳо дар қисмати ашёҳои қиматнок ва хизматҳои пардохтшуда, ҳисобкунии харочотҳои истеҳлокӣ ва дигар харочоти пардохтгардида инъикос карда мешавад.

Ҳангоми аз ҷониби субектҳои соҳибкории хурд истифода гардидани усули хазинавии баҳисобгирии даромаду харочот аз рӯи дебети ҳисоби «Молҳо» арзиши аслии ашёҳои қиматноки таҳвилшуда (ба фурӯш рафта) то ба лаҳзаи воридоти воситаҳои пулӣ (ва ё моликият) ба таври алоҳида инъикос карда мешавад.

Хангоми воридоти воситахои пулӣ ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ дар мукотибот бо кредити ҳисоби «Ба фурӯш рафтан» дебет карда мешаванд, ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳо бо усулҳои дигар (шартномаи иваз, баҳисобгирии қарзи тарафайн ва ғ.) бошад, ҳисоби «Ҳисоббаробаркуниҳо бо дебиторону кредиторони гуногун» дар мукотибот бо ҳисоби «Ба фурӯш рафтан» дебет карда мешавад.

19) Шакли соддакардашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурд бо назардошти нуктаҳои зерин истифода шуда метавонад:

- аз рӯи шакли соддаи баҳисобгирии муҳосибӣ (бе истифодаи регистрҳои баҳисобгирии муҳосибии моликияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна);

-аз рӯи шакли баҳисобгирии муҳосибӣ бо истифода аз регистрҳои баҳисобгирии муҳосибии моликияти корхонаи хурд.

### 6. Шакли соддаи баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои соҳибкории хурд

20) Шахсони воқеии фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ баамалоранда (ба истиснои онҳое, ки дар асоси Патент фаъолият мекунанд), инчунин субъектҳои соҳибкории хурд, ки миқдори ками амалиётҳои хоҷагидориро (на беш аз 30 адад) ба субут мерасонанд ва ё махсулот истехсол намекунанду корҳои анҷомдиҳандаашон сарфи захираҳои калони материалӣ наметалабанд, метавонанд баҳисобгирии тамоми амалиётҳоро бо роҳи қайди онҳо дар Китоби (журнали) баҳисобгирии далелҳои амалиётҳои хоҷагидорӣ (минбаъд китоб) аз рӯи шакли замимаи № А-1 –и Тартиби мазкур ба амал оранд.

Китоб рӯйхати баҳисобгирии синтетикӣ ва аналитикӣ ба ҳисоб рафта, дар асоси он миқдори мавҷудаи моликият ва воситаҳои пулӣ, инчунин сарчашмаҳои онҳо ба санаи муайян муқаррар карда шуда, ҳисоботи муҳосибӣ таҳия мегардад.

Китоб руйхати якҷоякардашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ буда, тамоми ҳисобҳои муҳосибии аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурд истифодашавандаро дар бар мегирад ва барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибии амалиётҳо дар ҳар яке аз ин ҳисобхо имкон медиҳад.

Субъектҳои соҳибкории хурд метавонад Китобро барои як моҳ дар шакли Варақа (Ведомост) (хангоми зарурат мумкин аст ба он барои бахисобгирии амалиётхо аз рӯи хисобхо варақаҳо илова карда шаванд) ва ё дар шакли Китоб, ки дар он баҳисобгирии амалиётҳо дар соли ҳисоботӣ бурда мешаванд, кушояд. Дар ин сурат китоб бояд рақамгузорӣ шуда, риштабандӣ шавад. Дар саҳифаи охир миқдори саҳифаҳо қайд гардида, бо имзои роҳбари корхона ва шахси барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мутасаддӣ, инчунин мухри корхона тасдиқ кунонида мешавад.

Китоб бо қайдхо оид ба маблағи бақиявӣ ба ибтидои давраи ҳисоботӣ (ибтидои фаъолияти корхона) аз рӯи ҳар як намуди моликият, ӯхдадориҳо ва дигар воситаҳои мавҷуда кушода мешавад.

Сипас дар ҷадвали 3 «Муҳтавои амалиётҳо» номи моҳ сабт мегардад. Тамоми амалиётҳои хоҷагидории моҳи мазкур дар асоси ҳар як ҳуҷҷати ибтидоӣ ба таври хронологӣ қайд карда мешаванд. Дар ин ҳангом маблағи аз рӯи ҳар як амалиёти дар китоб аз рӯи чадвали «Маблағ» бақайдгирифташуда бо усули қайди дубора ҳам дар ҷадвали «Дебет» ва ҳам дар ҷадвали «Кредит» -и ҳисобҳои баҳисобгирии намудҳои марбутаи моликият ва манбаъҳои дастрас намудани онҳо инъикос карда мешаванд.

Дар давоми моҳ дар ҳисоби «Истеҳсолоти асосӣ» дар ҷадвали «Хароҷот барои истеҳсолот-дебет» хароҷотҳо барои истеҳсоли маҳсулот (кору хизматҳо) ҷамъоварӣ карда мешаванд. Пас аз анҷоми моҳ ин хароҷот дар ҳаҷми маблағе, ки барои истеҳсоли маҳсулоти дар давоми моҳ фурӯхташуда (кору хизматҳо) сарф гардидааст, дар дебети ҳисоби «Ба фурӯш рафтан» аз ҳисоб бароварда шуда, дар ҷадвалҳои «Хароҷот барои истеҳсол-кредит» ва «Ба фурӯш рафтан-дебет» -и Китоб инъикос карда мешавад. Дар ин ҳангом дар ҷадвали 3-и Китоб «Муҳтавои амалиётҳо» чунин қайд ба амал оварда мешавад: «Хароҷоти барои истеҳсоли маҳсулоти бафурушрафта сарфгардида аз хисоб бароварда шуд»

Натиҷаи молиявӣ аз фурӯши маҳсулот (кору хизматҳо) ҳамчун фарқият байни гардиши дар ҷадвали «Ба фурӯш рафтан-кредит» ва гардиш дар ҷадвали «Ба фурӯш рафтан-дебет» нишондодашуда, мукаррар карда мешавад.

Фарқияти муқаррааргардида дар Китоб бо сатри алоҳида чунин қайд мегардад:

-аз руи ҷадвали 3 қайди «Натиҷаи молиявӣ дар давоми моҳ» сабт мегардад;

-дар чадвалҳои «Маблағ», «Ба фурӯш рафтан-дебет» (агар фоида ба даст омада бошад) ва «Фоида ва истифодаи он-кредит» ё «Ба фуруш рафтан-кредит» (агар зарар оварда бошад) ва «Фоида ва истифодаи он -дебет» маблағи натиҷаи молиявӣ дар давоми моҳ нишон дода мешавад.

Пас аз анҷоми моҳ маблағи натиҷавии гардишҳо аз рӯи дебет ва кредити тамоми ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳо ва сарчашмаҳои онҳо, ки бояд ба натиҷаи воситаҳои дар ҷадвали 4 нишон додашуда баробар бошанд, хисоб карда мешаванд.

Пас аз ҳисоб кардани гардишҳои натиҷавии дебетӣ ва кредитии воситаҳо ва сарчашмаҳои онҳо (ҳисобҳои муҳосибӣ) дар давоми моҳ аз рӯи ҳар ҳисоб ба санаи 1-и моҳи минбаъда салдо баровarда мешавад.

21) Дар баробари Китоби баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пардохти меҳнат бо кормандон аз рӯи андоз аз даромад ба буҷет, субъекти соҳибкории хурд хурд вазифадор аст, ки варақаи баҳисобгирии пардохти меҳнатро аз рӯи замимаи № 9-и Тартиби мазкур пеш барад.

**7. Шакли баҳисобгирии муҳосиби ва ҳисоботи субъектҳои соҳибкории хурд бо истифода аз регистрҳои баҳисобгирии муҳосибӣ**

22) Субъектҳои соҳибкории хурд, ки истеҳсоли маҳсулот ва иҷрои корҳоро анҷом медиҳанд, барои баҳисобгирии амалиётҳои молиявӣ-хоҷагидорӣ метавонанд аз регистрҳои зерини баҳисобгирии муҳосибӣ истифода намоянд:

-Варақаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, хароҷоти ҳисобкардашудаи истеҳлокӣ (замимаи 2);

-Варақаи баҳисобгирии захираҳои истеҳсолӣ ва молҳо, инчунин ААИ (агар бошад), ки барои ашёҳои қиматнок пардохт шудааст (замимаи 3);

- Варақаи баҳисобгирии хароҷот барои истеҳсолот (замимаи 4);
- Варақаи баҳисобгирии воситаҳои пулӣ ва фондҳо (замимаи 5);
- Варақаи баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо ва амалиётҳои дигар (замимаи 6);
- Варақаи баҳисобгирии ба фурӯш рафтан (пардохт) (замимаи 7);
- Варақаи баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо таъмингарон (замимаи 8);
- Варақаи баҳисобгирии пардохти меҳнат (замимаи 9)
- Варақа (шоҳмотӣ) (замимаи 10)

**7.2. Варақаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, хароҷоти ҳисобкардашудаи истеҳлокӣ**.

Варақаи баҳисобгирии воситаҳои асосӣ, хароҷоти ҳисобкардашудаи истеҳлокӣ регистри ҳисобҳои аналитикӣ ва синтетикии мавҷудият ва ҳаракати воситаҳои асосӣ (ҳисоби «Воситаҳои асосӣ»), инчунин ҳисоббаробаркунии маблағҳои хароҷоти истеҳлокӣ ба ҳисоб меравад (ҳисоби «Истеҳлоки воситаҳои асосӣ»).

Маълумот оид ба воситаҳои асосӣ дар варақа ба таври мавкеъгӣ (позитсионӣ) аз рӯи ҳар як объект ба таври алоҳида қайд карда мешавад.

Ҳар моҳ дар сурати мавҷудияти ҳаракати воситаҳои асосӣ маблағи гардиши онҳо ҳисоб мегардад ва бақияи воситаҳои асосӣ ба рӯзи 1-уми моҳи пас аз моҳи ҳисоботии оянда баровarда мешавад.

Ҷойивазкунии воситаҳои асосӣ дар дохили субъекти соҳибкории хурд дар варақа қайд карда намешавад.

Барои бо усули суръатнок аз давраи аввали ба истифода дода шудани воситаҳои асосӣ ба роҳ мондани назорат аз рӯи маблағҳои истеҳлоки ҳисобкардашуда дар варақа ҷадвалҳои марбутаи баҳисобгирии истеҳлок бо натиҷаи афзоишёбанда ҷой дода шудаанд.

Маълумотҳои варақа вобаста ба маблағҳои хароҷотҳои ҳисобкардашудаи истеҳлокӣ барои инъикоси амалиётҳо вобаста ба ҳаракати онҳо дар «варақаи баҳисобгирии хароҷот барои истеҳсолот», «варақаи баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо ва дигар амалиётҳо» истифода мешаванд. Корхона метавонад шакли ибтидоии « Карточкаи инвентарии баҳисобгирии воситаҳои асоси»-ро истифода намояд. Дар асоси маълумотҳои натиҷавии карточкаҳои инвентарии баҳисобгирии ҳаракати воситаҳои асосӣ баҳисобгирии умумии ҳаракати воситаҳои асосӣ аз рӯи ҳисоби «Воситаҳои асосӣ» пеш бурда мешавад. Ҳисоб карда баровардани истеҳлок дар шакли журнал-ордер ба амал оварда шуда, дар ҳисоби «Истеҳлоки воситаҳои асосӣ» инъикос карда мешавад.

### 7.3. Варақаи баҳисобгирии захираҳои истеҳсолӣ ва молҳо

Варақа барои баҳисобгирии аналитикӣ ва синтетикии захираҳои истеҳсолии молҳои тайёр, ки дар ҳисоби «Материалҳо» ва «Молҳо» инъикос мегарданд, пешбинӣ шудааст.

Варақа барои як моҳ кушода шуда, аз ҷониби шахсони аз ҷиҳати моддӣ мутасаддӣ ба таври алоҳида аз рӯи захираҳои истеҳсолӣ ва молҳо дар ҳудуди тамоми намудҳои чизҳои қиматнок новобаста аз ҳаракат дар давоми моҳи ҳисоботӣ пеш бурда мешавад.

Арзиши ашёҳои қиматнок дар варақа дар асоси хароҷоти дар ҳуҷҷатҳои ибтидоии таъмингарон нишон додашуда муайян карда мешавад. Маълумот дар бораи додани материалҳо ва молҳо ба истеҳсолот ва фурӯш аз рӯи варақаи умумӣ мувофиқан дар варақаи «Баҳисобгирии хароҷот барои истеҳсолот» ё «Баҳисобгирии фурӯхтан» қайд карда мешаванд.

### 7.4. Варақаи баҳисобгирии хароҷот барои истеҳсолот.

Варақа барои баҳисобгирии аналитикӣ ва синтетикие истифода мешавад, ки ба истеҳсоли маҳсулот (иҷрои кору хизмат) ва хароҷот оид ба сармоягузории асосӣ вобаста аст ва мувофиқан дар ҳисобҳои «Истеҳсолоти асосӣ» ва «Сармоягузории асосӣ» инъикос карда мешавад. Барои баҳисобгирии сармоягузориҳои асосӣ варақаи алоҳида кушода мешавад.

Хароҷот аз рӯи дебети ҳисоби «Истеҳсолоти асосӣ» аз кредити ҳисобҳои гуногун дар асоси маълумоти дар варақаҳои дигар маҳфуз буда ва бевосита аз ҳуҷҷатҳои алоҳидаи ибтидоӣ ҷамъ оварда мешавад.

Вобаста ба муайян намудани хароҷоти маҳсулоти истеҳсолашон ба итмом расида арзиши аслии воқеие муқаррар карда мешавад, ки он аз кредити ҳисоби «Истеҳсолоти асосӣ» ба дебети ҳисобҳои марбутаи «Молҳо» ба анбор аз ҳисоб баровarда мешавад, вобаста ба фурӯш дар ҳисоби «Фурӯш».

Хароҷоте, ки ба маҳсулоти истеҳсолашон ба итмом нарасида харҷ гардидааст, дар ҳисоби «Истеҳсолоти асосӣ» дар ҳудуди истеҳсолот ҳамчун истеҳсолоти нотамом ба ҳисоб гирифта мешаванд. Боқимондаи истеҳсолоти нотамом дар аввали моҳ дар варақа мувофиқан ба маълумоте, ки дар варақаи баҳисобгирии хароҷот барои истеҳсол дар моҳи гузашта қайд гардидаанд, нишон дода мешаванд. Бақияи охири моҳ бошад аз рӯи санадҳои инвентаризатсияи истеҳсолоти нотамом ё маълумоти баҳисобгирӣ муайян карда мешаванд.

### 7.5. Варақаи баҳисобгирии воситаҳои пуливу фондҳо ва баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо ва амалиётҳои дигар.

Қабул ва додани воситаҳои пулӣ, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва хароҷотӣ, пеш бурдани китоби хазинавӣ, таҳияи ҳисобот дар бораи амалиётҳои хазинавӣ тибқи тартиботи муқарраргардида ба амал оварда мешаванд.

Амалиётҳои хазинавӣ бо хазинабаргҳои (ордер) хазинавии воридотӣ (ХХВ) ва хазинабаргҳои хазинавии харочотии (ХХХ) шаклашон якхела ба расмият дароварда мешаванд. Тамоми воридот ва додани пули нақди корхона дар китоби хазинавӣ ба қайд гирифта мешавад. Китоби хазинавӣ бояд рақамгузорӣ, риштабандӣ ва дар саҳифаи охир муҳргузорӣ шуда бошад. Дар саҳифаи охири он чунин қайдхо сабт карда мешаванд:» дар китоби хазинавӣ ____ варақ рақамгузорӣ ва риштабандӣ карда шудааст.» Пас аз воридот ва ё додани воқеии пул аз рӯи ҳар як хазинабарги хазинавӣ ба китоби хазинавӣ ба таври фаврӣ қайдҳо сабт карда мешаванд.

Қайдҳо дар варақаи баҳисобгирии воситаҳои пулии амалиётҳо оид ба суратҳисоб ва ҳисобҳои дигари бонкӣ дар асоси беруннависи бонкӣ ва ҳуҷҷатҳои ба он замимагардида ба амал оварда мешаванд.

Қайдҳо дар варақаи баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони ҳисоботдеҳ ва дебиторону кредиторони дигар ба воситаи баровардани салдои муфассал ба охири моҳ аз рӯи дебитор ва кредитор дар асоси маълумотҳои дар ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ овардашуда ба амал оварда мешаванд. Маблағҳои ба шахсони ҳисоботдеҳ додашуда бояд дар мухлати се рӯз пас аз рӯзи додани воситаҳои пулӣ пӯшонида шаванд. Дар сурати набудани ҳисоботи пурра аз рӯи воситаҳои пулии пештар додашуда ба додани пешмузди минбаъда роҳ дода намешавад. Пешмуздҳои барои хароҷоти сафарҳои хидматӣ додашуда дар муддати се рӯз пас аз бозгашт аз сафари хидматӣ пушонида мешаванд.

Пас аз ба охир расидани моҳ аз рӯи ҳар як ҳисоб натиҷаи гардишҳо аз рӯи дебету кредит ҳисоб гардида, ба санаи якуми моҳи пас аз моҳи ҳисоботи оянда салдо баровара мешавад.

Амалиётҳои моҳи равон оид ба ташаккули натиҷаи молиявӣ низ дар ҳамин тартиб қайд карда мешаванд, аниқтараш- зарар аз фурӯш ва хароҷоти аз амалиётҳои амалинагардида –дар дебет ва фоида аз фурӯшу, даромад аз амалиётхои ба амал оварданашуда -дар кредит. Дар охири моҳ қайди «Ҳамагӣ» ба амал оварда шуда, натиҷаи умумии молиявии моҳ ҳисоб карда мешавад. Пас аз ин амалиётҳо аз рӯи намудашон дар давоми моҳ вобаста ба истифодаи фоида инъикос карда мешаванд.

## 7.6. Варақаи баҳисобгирии фурӯш (пардохт)

Натиҷаи молиявӣ дар корхонае, ки варақаи мазкурро истифода мекунад, ҳамчун фарқият байни ҷадвалҳои «Аз рӯи нархи фурӯши пардохт гардидааст» ва «Аз рӯи арзиши аслӣ пардохт гардидааст» муайян карда мешавад.

Дар сурате, ки арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда (кору хизматҳо) на аз рӯи ҳар як намуди он дар як моҳ ҳисоб карда мешавад, он ҳамчун натиҷаи маблағи арзиши аслии воқеии бақия ба аввали моҳ ва чизҳои қиматноки дар моҳи равон фаровардашуда, ки арзиши аслии воқеии онҳо аз ҳисоб баровара шуда, ба охири моҳ пардохт нагардидаанд, муайян карда мешаванд.

Пас аз анҷоми моҳ дар варақа дар қисмати арзиши маҳсулоти фурӯхташуда (кору хизматҳо) аз ҷадвали «Аз рӯи нархи фурӯши пардохт гардидааст» (кредити ҳисоби «Ба фурӯш рафтан») қайдҳо (шоҳмотӣ) ба амал оварда мешаванд.

Натиҷаи молиявии дар варақа («Пардохт») дар ҷадвали «Фоида дар давоми моҳ» муайян кардашуда барои сабт дар варақаи ҳисоби «Фоида ва зарар» истифода мегардад. Салдои дебети аз рӯи ҳисоби «Ба фурӯш рафтан» бақияи маҳсулоти фурӯхташударо (кору хизмат), ки аз ҷониби харидору фармоишгар ба охири моҳ пардохт нагардидааст, нишон медиҳад.

## 7.7. Варақаи баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон.

Варақа барои баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон, ки дар ҳисоби «Ҳисоббаробаркунӣ бо молтаъминкунандагон ва пудратчиён» ба ҳисоб гирифта мешавад, истифода мегардад. Варақа бо роҳи гузаронидани бақияи корхонаҳо дар ҳудуди ҳисобҳои таъмингарон аз варақаи моҳи гузашта кушода мешавад.

Дар варақа аз рӯи кредити ҳисоби «Ҳисоббаробаркуниҳо бо молтаъминкунандагон ва пудратчиён» бо усули мавқеъгӣ маълумоти ҳисобҳои молтаъминкунандагон ва пудратчиён барои кору хизматҳои анҷомдода, инчунин барои ашёҳои қиматноки гирифташуда қайд карда мешаванд.

Дар дебет амалиётҳо оид ба пардохти ҳисобҳои таъмингарон ва паймонкорон (кредити ҳисоби «Суратҳисоб» «Хазина») инъикос карда мешаванд.

## 7.8. Варақаи баҳисобгирии пардохти меҳнат.

Варақа барои баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо бо кормандони корхона аз рӯи пардохти меҳнат, ки дар ҳисоби «Ҳисоббаробаркуниҳо оид ба пардохти меҳнат» ба ҳисоб гирифта мешаванд, муқаррар карда шудааст. Дар қисмати «Кредит (ҳисоб карда шудааст)»-и варақа маблағи пардохти музди меҳнати кормандон (ҳам кормандони дар штат буда ва ҳам дар штат набуда) бо назардошти мукофотпулиҳо барои корҳои иҷрогардида, ки тибқи шаклҳои пардохти дар корхонаи мазкур қабулгардида ва маблағҳои дигаре, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, инъикос карда мешавад. Пардохти музди меҳнат дар варақа аз рӯи категорияҳои кормандон, объектҳои баҳисобгирӣ, намудҳои истеҳсолот гурӯҳбандӣ мешавад.

Дар айни ҳол ҳисоббаробаркунии тамоми маблағҳои аз музди меҳнати ҳисобкардашудаи кормандон нигоҳ дошташуда дар қисмати «Дебет (боздошта шуд)» тибқи қонунгузории ҷорӣ (андоз аз даромад, маблағи пешпардохтҳои додашуда, маблағҳои сари вақт ба шахсони ҳисоботдеҳ баргардонида нашуда, маблағҳо аз рӯи варақаҳои иҷроиши ба фоидаи ташкилотҳои гуногун ва шахсони дигар) ба амал оварда шуда, маблағи ба дасти кормандон дода мешуда муайян карда мешавад.

Варақа ҳамчунин ҳуҷҷати пардохтӣ ҳисобида шуда, барои ба расмият даровардани пардохти музди меҳнати кормандони корхона муқаррар карда шудааст.

Дар сурати мавҷудияти маблағҳои пардохти меҳнатие, ки ба кормандон дода нашудаанд, (пас аз гузаштани 3 рӯз аз муҳлати додани он) дар ҷадвали «Дастхат оид ба гирифтан»-и ҳамин варақа чунин қайдхо сабт мегарданд: «Музди кори ба таваққуф гузошта шудаи кормандон (Депонировано)». Маблағи нишон додашуда вобаста ба ҳар як корманд (бо усули қайди мавқеъгӣ) ба варақаи моҳи дигар дар ҷадвали 4 «Бақияи маблағ барои пардохти меҳнат ба аввали моҳ» гузаронида мешавад. Дар варақа инчунин маблағи барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ҷудокардашуда (ба сохторҳои суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, Фонди нафақа) тибқи тартиботи муқаррааргардида дар вобастагӣ аз маблағи пардохти меҳнати кормандон муайян карда мешаванд. Дар асоси варақаи мазкур гардишҳо аз рӯи кредити ҳисоби «ҳисоббаробаркуниҳо оид ба суғуртакунӣ» дар ҷадвали «Кредит» «варақаи баҳисобгирии ҳисоббаробаркуниҳо ва амалиётҳои дигар» ва дар ҷадвали «Дебет»-«варақаҳои баҳисобгирӣ хароҷот барои истеҳсол» инъикос карда мешаванд.

## 7.9. Варақа (Шоҳмотӣ)

Ҳангоми баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ дар субъектҳои соҳибкории хурд аз шакли баҳисобгирие истифода мешавад, ки ба корбурди регистрҳои баҳисобгирии муҳосибии моликияти субъектҳои соҳибкории хурд вобаста мебошанд ва пас аз итмоми моҳ натиҷаҳо аз рӯи гардишҳо аз варақаҳои истифодашаванда ба таври ҳатмӣ ба варақа (шоҳмотӣ) гузаронида мешаванд.

Варақа регистри баҳисобгирии синтетикӣ буда, барои ҷамъбасти маълумоти баҳисобгирии соли равон ва тафтиши тарафайни дурустии қайдҳои баамаловардашуда аз рӯи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ истифода мешавад. Варақа барои ҳар моҳ кушода мешавад ва барои дар алоҳидагӣ сабт намудани маълумотҳо аз рӯи дебет ва кредити ҳар як ҳисоб хизмат менамояд.

Дар варақа ба тарзи амудӣ ҳисобҳо дар шакли афзоиш ва бо тарзи уфуқӣ ҳисобҳо дар шакли рақамҳои афзоишёбандаи варақаҳо ҷой дода мешаванд.

Дар аввал варақа бо роҳи гузаронидани гардишҳои кредитӣ аз варақаҳои истифодашаванда (маълумотҳои ҷадвали «Ҳисоби муросилотӣ») бо ҷойгузории онҳо ба дебети ҳисобҳои марбута пур карда мешавад. Пас аз он ки ҷобаҷогузорӣ анҷом меёбад, ҳисоб кардани маблағи гардиши дебетӣ аз рӯи ҳар як ҳисоб ба амал оварда мешавад, ки он бояд ба гардиши дебетие, ки тибқи ҳисоби мазкур дар варақаи марбута инъикос ёфтааст, баробар бошад.

Маблағи аз рӯи дебети ҳар як ҳисоб муқарраргардида ҷамъ карда мешавад ва натиҷаи умумии онхо бояд ба маблаги умумии гардиш аз рӯи кредити ҳисобҳо баробар бошад.

Гардишҳои дебетӣ ва кредитӣ аз рӯи ҳар як ҳисоб ба варақаи гардишие гузаронида мешаванд, ки дар он салдои ҳар ҳисоб ба санаи якуми моҳи пас аз моҳи хисоботии оянда ҳисоб карда шудааст.

Шакли варақаи гардишӣ чунин намуд дорад:

| Рақами ҳисоби муҳосибӣ | Бақия ба 1-и ________ | | Гардишхо дар _________ | | Бақия ба 1-и _________ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | дебет | кредит | дебет | кредит | Дебет | кредит |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| | | | | | | |

## 8.Тартиби пур кардани Китоби баҳисобгирии даромаду хароҷоти соҳибкороне, ки низоми соддакардашудаи андозбандӣ ва қоидаҳои корбурди варақаҳоро истифода мекунанд.

23) Соҳибкороне, ки (корхонаҳо, инчунин соҳибкорони инфиродӣ, ки даромади умумиашон, тибқи қисми 3 моддаи 137-и Кодекси андоз дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз 12 мохи пурраи пай дар пайи тақвимӣ бе андоз аз фурӯши чакана аз ҳадди чоркаратаи барои мақсадҳои бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда муқаррарнамудаи Кодекси андоз зиёд набошад) низоми соддакардашудаи андозбандиро истифода мекунанд, Китоби баҳисобгирии даромаду харочоти сохибкоронеро, ки низоми соддакардашудаи андозбандиро истифода мекунанд, пеш мебаранд ва дар он дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидои пайи хам тамоми амалиётхои хочагидории давраи хисоботиро бо усули мавкеъгӣ акс менамоянд.

24) Соҳибкорон вазифадоранд пуррагӣ, муттасилӣ ва ҳаққонияти баҳисобгирии нишондихандахои фаъолияти худро, ки барои хисоб намудани манбаи андозӣ (налоговая база) ва маблағи андоз заруранд, таъмин созанд.

25) Китоби баҳисобгирии даромаду хароҷот метавонад ҳам дар шакли барандаи иттилооти қоғазӣ ва ҳам дар шакли электронӣ бурда шавад. Ҳангоми бурдани китоби баҳисобгирии даромаду хароҷот дар шакли электронӣ андозсупурандагон пас аз анҷоми давраи ҳисоботӣ (андозӣ) вазифадоранд онро ба шакли қоғазӣ дароранд. Барои ҳар як давраи минбаъдаи андозӣ Китоби нави баҳисобгирии даромаду хароҷот кушода мешавад.

26) Китоби баҳисобгирии даромаду харочот бояд риштабандӣ ва рақамгузорӣ шуда бошад. Дар саҳифаи охирини Китоби баҳисобгирии даромаду харочот аз ҷониби андозсупуранда миқдори саҳифаҳои он нишон дода шуда, бо имзои роҳбари корхона ва муҳри муассиса (соҳибкори инфиродӣ - агар он бошад), инчунин имзои шахси масъули мақомоти андоз ва муҳри мақомоти андоз то ба оғози корбурди он тасдик кунонида мешавад. Дар саҳифаи охирини Китоби баҳисобгирии даромаду хароҷоте, ки дар шакли электронӣ бурда шудааст ва пас аз анҷоми давраи андозӣ ба шакли қоғазӣ дароварда шудааст, миқдори саҳифаҳои он нишон дода шуда, бо имзои роҳбари корхона ва муҳри муассиса (соҳибкори инфиродӣ- агар он бошад), инчунин имзои шахси масъули мақомоти андоз ва муҳри мақомоти андоз тасдиқ кунонида мешавад.

27) Ислоҳи хатоҳо дар Китоби баҳисобгирии даромаду хароҷот бояд бо имзои роҳбари муассиса (соҳибкори инфиродӣ) бо нишон додани санаи ислоҳ кардан ва муҳри корхона (сохибкори инфиродӣ-агар бошад) асоснок карда шуда бошад.

28) Тартиби пур кардани фасли 1 «Даромад ва хароҷот».

1. Дар сутуни 1 рақами тартибии амалиёти бақайдгирифташаванда нишон дода мешавад.

2. Дар сутуни 2 санаи рӯз ва рақами ҳуҷҷати ибтидоӣ, ки дар асоси он амалиёти бақайдгирифташаванда ба амал оварда шудааст, нишон дода мешавад.

3. Дар сутуни 3 мӯҳтавои амалиёти бақайдгирифташаванда нишон дода мешавад.

4. Дар сутуни 4 андозсупоранда тамоми воридотро, ки аз даромади фурӯшӣ ва ғайрифурушӣ ба даст омадааст ва тибқи моддаи 303-и Кодекси андоз муайян гардидааст, инъикос менамояд.

5. Дар сутуни 5 андозсупуранда тамоми хароҷоти бо амалидошти фаъолияти соҳибкорӣ алоқамандро нишон медихад.

## 9. Ҳисоботи муҳосибӣ.

Ҳисоботи муҳосибӣ бояд дар асоси «Дастур оид ба тартиби пур намудани шаклҳои ҳисоботи солонаи муҳосибӣ» ва дигар санадҳои ҳуқуқиву меъёрие, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, таҳия карда шавад.